Ин нашрия бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо таҳия шудааст.
Иттиҳоди Аврупо барои мазмун ва таркиби дастурамал масъулият надорад.

ЛОИҲАИ “ҲИФЗИ КӮДАКОНИ ЗЕРИ ТАЪСИРИ МУҲОҶИРАТ ҚАРОРДОШТА”

# Саволу ҷавобҳо

## оид ба равонасозии оилаҳои эҳтиёҷманд ба мақомотҳои давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва соҳаи иҷтимоӣ.



МАБЛАГГУЗОР - ИТТИҲОДИ АВРУПО

ЛОИҲАИ “ҲИФЗИ КӮДАКОНИ ЗЕРИ
ТАЪСИРИ МУҲОҶИРАТ ҚАРОРДОШТА”

# Саволу ҷавобҳо

## оид ба равонасозии оилаҳои эҳтиёҷманд ба мақомотҳои давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва соҳаи иҷтимоӣ.

Save the Children

Лоиҳаи «Ҳифзи кӯдакони зери таъсири муҳоҷират қарордошта» аз ҷониби ЮНИСЕФ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Save the Children International (Наҷоти Кӯдакон) бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо амалӣ шуда истодааст.

# ШАРҲИ МУХТАСАР

Дар дастурамали мазкур саволу ҷавобҳо вобаста ба равонасозии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба мушкилотҳо дучор гашта ба мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар доираи салоҳияти қонун муқарракарда фаъолият менамоянд, роҳҳои ҳалли мушкилотҳо ва ба кадом мақомот муроҷиат кардани онҳо тартиб дода шудааст.

Дастурамал дар доираи барномаи Лоиҳаи "Ҳифзи кӯдакони зери таъсири муҳоҷират қарордошта"-и филиали Ташкилоти ғайритиҷоратии байналмилалии «Save the Children International» (Наҷоти Кӯдакон), ки аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ ва аз тарафи Хазинаи Кӯдакони СММ дар Тоҷикистон дастгирӣ карда мешавад, нашр шудааст. Умед аст, ки маводи мазкур баҳри баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон кӯмак ҳоҳад кард.

**Роҳбарияти лоиҳаи**
**"Ҳифзи кӯдакони зери таъсири муҳоҷират қарордошта"**





# САВОЛҲО ВОБАСТА БА РАВОНАСОЗӢ

- ***Равонасозии шаҳрванд ба мақомотҳои давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ кадом вақт оғоз меёбад?***

Равонасозӣ ба мақомотҳои давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ ҳамон вақт оғоз меёбад, ки оилаи муҳоҷири меҳнатӣ дучори мушкилоти иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ё дигар мегардад. Ба воситаи равонасозӣ шаҳрванд масъалаи ба миён омадаи хешро дар мақомотҳои дахлдори давлатӣ ва сохторҳои ҷамъиятӣ ҳаллу фасл менамояд. Муроҷиати онҳо дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

- ***Шаҳрвандон аз рӯи кадом масъалаҳояшон равонасозӣ карда мешаванд?***

Шаҳрвандон барои гирифтани кӯмакҳои равонӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ барои кӯдаки имконияташ маҳдуд, вобаста ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, гирифтани шаҳодатномаи таваллуди кӯдак, маслиҳати ҳуқуқи барои ҳалли баҳсҳои оилавӣ, таъмини ҷои кор ва ғайраҳо равонасозӣ карда мешаванд. Масалан оилаи муҳоҷири меҳнатӣ ҳангоми кӯдаки иллати ҷисмонӣ ё руҳи доштаашро нафақа кардан ба агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа маҳалли зист муроҷиат менамояд. Лекин ин масъала бе ташхису хулосаи тиббӣ ҳалли худро намеёбад ва ӯ ба мақоми ваколатдори давлатии соҳаи ҳифзи иҷтимоии маъюбон ки ташхисро мегузаронад, равонасозӣ карда мешавад.



# САВОЛУ ҶАВОБҲО ВОБАСТА БА ҲУҚУҚҲОИ КӮДАК ВА ОИЛА

### - *Кадом шахс кӯдак эътироф карда мешавад?*

Дар асоси моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» Кӯдак шахсе эътироф карда мешавад, ки ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидааст.

### - *Чанде аз ҳуқуқҳои кӯдакро номбар намоед.*

Ҳар як кӯдак тибқи моддаҳои 11, 12, 13, 14, 17, 19, 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ҳуқуқ ба зиндагӣ, озодӣ, дахлнопазирӣ, шаъну эътибор, ҳаёти шахсӣ, шаҳрвандӣ, ҳифзи саломатӣ, тарбия дар оила, озодии сухан, таҳсил ва истироҳату фароғатро дорад.

### - *Ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдак чӣ гуна сурат мегирад?*

Мувофиқи моддаи 125 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯдакони то 18 сола фарзандхондӣ карда мешаванд. Фарзандхондӣ шакли афзалиятноки ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда мебошанд. Фарзандхондӣ нисбати кӯдакони ноболиғ танҳо манфиатҳои онҳо бо риояи талаботи моддаи 124 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин бо





дарназардошти имконияти инкишофи пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак иҷозат дода мешавад. Фарзандхондии бародарону хоҳарон аз ҷониби шахсони гуногун, ба истисноии ҳолатҳое, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак мебошад, иҷозат дода намешавад.

### *Тартиби фарзандхондӣ чӣ гуна аст?*

Дар асоси моддаи 126 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фарзандхондӣ дар асоси аризаи шахсоне (шахсе), ки кӯдакро ба фарзандӣ қабул кардан мехоҳанд, аз тарафи суд расмӣ карда мешавад. Парвандаҳои фарзандхондиро суд ба тартиби мурофиаи махсус баррасӣ менамояд. Парвандаҳои фарзандхондӣ дар суд бо иштироки мақомоти васояту парасторӣ ва прокуратура баррасӣ мегардад. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихоби худ ба суди маҳали истиқомати кӯдаки ба фарзандхондӣ қабулшаванда ё ба суди маҳали истиқомати худ барои ба фарзандхондӣ гирифтани кӯдак ариза медиҳанд.

То аризаи фарзандхондиро баррасӣ намудани суд мақомоти васояту парасторӣ вазифадоранд шароити зиндагии шахсеро, ки хоҳиши ба фарзандхондӣ қабул кардани кӯдакро дорад, санҷида, муайян кунанд, ки фарзандхондӣ ба манфиати кӯдак аст ё не, оё барои фарзанд хондан монеае ҳаст, инчунин муносибати кӯдак ба фарзандхондӣ ва фикри ӯро барои ба фарзандхондӣ қабул шуданаш муайян намуда, хулосаҳояшонро дар хусуси имконияти фарзандхондӣ ба суд пешниҳод намоянд.

Мақомоти васоят ва парасторӣ вазифадоранд ба шахсоне (шахсе), ки кӯдакро ба фарзандхондӣ қабул мекунанд, дар бораи саломатии кӯдак маълумот диҳанд.

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои фарзандхонда ва фарзандхондишуда аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи фарзандхондӣ оғоз мeёбад. Фарзандхонд шудани кӯдак бояд мувофиқи тартибе, ки барои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ муқаррар гардидааст, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Суд вазифадор аст, ки дар давоми се рӯзи баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома дар бораи фарзандхондӣ ба мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандии маҳалли қабули ҳалнома иқтибоси ин ҳалномаро фиристад.

### - *Дар кадом мақомот ақди никоҳ баста мешавад?*

Дар асоси моддаҳои 34, 35, 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» бақайдгирии ақди никоҳ дар асоси аризаи никоҳшавандагон дар мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ (САҲШ) ба расмият дароварда мешавад. Дар деҳаҳо ва шаҳракҳо қайди давлатии никоҳ дар ҷамоатҳо ба ҷо оварда мешавад. Ақди никоҳи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун

аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

### - *Барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд ба кадом мақомот муроҷиат кардан лозим аст?*

Барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуди кӯдак мувофиқи моддаҳои 16, 17, 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» падару модар (яке аз онҳо) ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ҷои зист дар бораи бақайдгирии таваллуди кӯдак аризаи хаттӣ пешниҳод мекунанд. То яксола будани кӯдак чунин аризаро ба ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти маҳалли истиқомат пешниҳод кардан мумкин мебошад. Дар баробари додани ариза инчунин ҳуҷҷати тасдиқкунандаи факти таваллуди кӯдак, инчунин шиносномаи падару модар (яке аз онҳо), шаҳодатномаи ақди никоҳ пешниҳод карда мешаванд.

Дар асоси моддаи 8 ҳамин қонун муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеанд:

- бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро аз он ҷумла таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар кардани падарӣ, иваз кардани ном, номи падар ва насаб, ворид намудани ислоҳ, тағйирот, илова, барқарор ё бекор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба ҷо меоранд;
- дар асоси аризаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат менамоянд, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар бораи ворид намудани ислоҳ ва тағйирот ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки дар ҳудуди






Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст, қарор қабул менамоянд;
- ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки онҳо нигоҳ медоранд, ислоҳ ва тағйирот ворид менамоянд;
- дар асоси сабтҳои асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки онҳоро нигоҳ медоранд, шаҳодатномаи такрорӣ дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандиро медиҳанд;
- дигар салоҳиятҳоеро, ки доир ба бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ вобастаанд, иҷро менамоянд.

### - *Дар сурати таваллуд ёфтани кӯдак аз падару модаре, ки онҳо никоҳашонро ба қайди давлатӣ нагирифтаанд, падарии кӯдак чӣ гуна муқаррар карда мешавад ва ба кадом мақомотҳо муроҷиат намудан лозим аст?*

Мувофиқи моддаҳои 49, 50 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардани падарии кӯдаке, ки аз падару модари ақди никоҳашонро дар қайди давлатӣ нагузошта таваллуд ёфтааст, дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (САҲШ) ҳангоми ворид гардидани аризаи якҷояи падару модар ба ин мақомот ба расмият дароварда мешавад. Дар



ҳолати саркашии падари кӯдак аз додани ариза ба мақомоти САҲШ, падарии кӯдак бо роҳи додани аризаи даъвогии модари кӯдак аз тарафи суд муқаррар карда мешавад.

- *Ҳангоме ки зану шавҳар никоҳашонро дар қайди давлатӣ нагузоштаанд, оё модари кӯдак метавонад аз падари кӯдак маблағи алимент ситонад?*

Дар асоси моддаи 80 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модар вазифадор мебошанд ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Ҳарчанд агар падару модари кӯдак никоҳашонро дар қайди давлатӣ нагузошта бошанд ҳам, ҳангоме ки падарии кӯдак бо тариқи ихтиёрӣ ё ин ки бо роҳи судӣ муқаррар карда шудааст, падари кӯдак барои таъминоти фарзандаш ӯҳдадор мебошад. Агар падару модар фарзандони худро нигоҳубин накунанд, маблағ барои таъминоти кӯдакон бо тартиби судӣ муқаррар карда мешавад.

- *Оё аз шахсоне, ки даромади номунтаззам доранд, ё умуман даромад надоранд, маблағи алимент барои таъминоти фарзандони ноболиғ ситонида мешавад ё не?*

Дар асоси моддаи 83 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоме, ки алиментсупоранда (падару модари кӯдак) музди кор ва ё даромади дигари номунтазам ё тағйирёбанда дорад, дар сурати набудани созиш маблағи алимент аз ӯ бо тарви устувор бо тартиби судӣ ситонида мешавад.





- *Маблағи алимент барои фарзандони ноболиғ чӣ гуна зиёд карда мешавад?*

Бо назардошти моддаи 120 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати тағйир ёфтани вазъи моддӣ ва оилавии алиментгиранда бо талаби ӯ суд метавонад, ки андозаи алименти муқаррашударо тағйир диҳад.

- *Тартиби гирифтани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна мебошад?*

Барои гирифтани шиноснома шаҳрвандон ба мизи шиносномадиҳии шӯъбаи корҳои дохилии шаҳр ё ноҳия муроҷиат менамоянд.
Шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 16 расидаанд, дода мешавад.
Барои гирифтани шиноснома шаҳрвандоне ки ба синни 16 расидаанд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд.

1. Расм.
2. Маълумотномаи гуруҳи хун.
3. Шаҳодатнома аз мақомоти андоз оиди рақами мушахас.
4. Маълумотномаи ҷои зист.
5. Пардохти боҷ ба бонк ба андозаи 10 доллари ИМА бо қурби асъори миллӣ.
6. Шаҳодатномаи ақди никоҳ (нусха) нисбати шахсони оиладор.

Аз пардохти боҷ ба андозаи 10 доллари ИМА бо қурби асъори миллӣ шахсони зерин озод мебошанд:

1. Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Афғонистон.
2. Иштирокчиёни садамаи Чернобил.
3. Шахсони маъюб.

- *Шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом мӯҳлат дода мешавад?*

Дар асоси моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи шахсият» шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба
мӯҳлатҳои зерин дода мешавад:
1) шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи соли 1996:

- аз рӯзи ба синни 16 расидани шахс то рӯзи ба синни 25 расидани ӯ;
- аз рӯзи ба синни 25 расидани шахс то рӯзи ба синни 45 расидани ӯ;
- аз рӯзи ба синни 45 расидани шахс шиноснома ба мӯҳлати бемаҳдуд дода мешавад.

2) шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи соли 2014 ба мӯҳлати 10 сол дода мешавад.

***- Оё ҳангоми гум кардани шиноснома ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст?***

Дар асоси моддаи 493 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳтиёт накардани шиноснома, ки боиси гум ё ғайри қобили истифода гардонидани он шудааст, ба андозаи аз як то ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.
Барои қасдан нобуд кардани шиноснома ё ғайриқобили истифода гардонидани он, ба андозаи аз ҳафт то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

***- Шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом ҳолатҳо дода мешавад.***

Мувофиқи моддаҳои 11 ва 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият» Шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ҳисоб ёфта он дар ҳолатҳои муайян ба шахсони зерин дода мешавад:

- ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати гум кардани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиносномаҳои дипломатӣ, хизматӣ ва умумишаҳрвандии хориҷии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё ба охир расидани мӯҳлати эътибори онҳо, беэътибор донистан ё мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият дар вақти будубоши онҳо берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба шаҳрвандони ноболиғи Ҷумҳурии Тоҷикистон – дар ҳолати таваллуд шудани онҳо берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба шахсони бешаҳрванде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат мекунанд – дар ҳолати гум кардани шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд ҳангоми будубоши онҳо берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба шахсоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми гурезаро доранд – дар ҳолати гум кардани шаҳодатномаи гуреза ҳангоми будубоши онҳо берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат дошта, барои ворид шудан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои беэътибордонисташуда доранд – дар ҳолати аз ҷониби давлати хориҷӣ ронда шудан ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданашон. Шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридшавии яккарата ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад ва барои баромадан аз Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуда наметавонад.

Шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои



консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд.
Ба шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қайдҳои зерин ворид карда мешаванд:

- оид ба убур намудани Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарҳади давлатии дигар давлатҳо – аз тарафи мақомоти дахлдор, ки назорати сарҳадиро амалӣ менамоянд;
- дар бораи бекор намудани қайдҳои воридкардашуда – аз тарафи мақомоте, ки чунин қайдҳоро ворид кардаанд.

Шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати на зиёда аз 60 рӯз дода мешавад.

## САВОЛУ ҶАВОБҲО ВОБАСТА БА СОҲАИ ИҶТИМОӢ

***- Барои омӯхтани касб шаҳрвандон ба кадом мақомот муроҷиат менамоянд?***

Шаҳрвандоне ки хоҳиши омӯхтани ягон касбро доранд, метавонанд ба шӯъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳр (ноҳия) маҳалли истиқомат муроҷиат намоянд. Баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз он ҷумла шиноснома, шаҳодатномаи хатми мактаби миёна, расм 3х4 ду дона, маълумотнома аз ҷои истиқомат ва ариза, дар ин ҷо курсҳои кӯтоҳмуддатро омӯхта ягон касбро аз худ менамоянд.



- *Шароити оилаамон вазнин мебошад. Барои гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ ҳамчун ниёзманд ба кадом мақомот муроҷиат намоям?*

Дар сурати вазнин будани шароити оила шаҳрвандон ба ҷамоати ҷои зист муроҷиат намуда, нисбати ин оила парвандаи ҳуҷҷатҳо тартиб дода мешавад, ки он аз ариза, маълумотнома оид ба даромад ва амволи оила, маълумотнома оиди ҳайати оила, нусхаи шиносномаи сардори оила ва ҳуҷҷати маъюбӣ агар бошад иборат мебошад. Парвандаи мазкур ба бахши ҳифзи иҷтимоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) барои муайян намудани сатҳи зиндагии оила пешниҳод карда мешавад. Пас аз муайян шудан аз ҷониби мақомоти номбурда кӯмаки иҷтимоӣ таъин карда мешавад.
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ». Моддаи 13. Индикаторҳое, ки ҳангоми муайян намудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат ба ҳисоб гирифта мешаванд.



1. Барои муайян намудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат индикаторҳои асосии зерин ба ҳисоб гирифта мешаванд:
   - ҳайати оила, вазъи иҷтимоӣ ва сатҳи маълумотнокии сардори оила, теъдоди маъюбон, ноболиғон ва дигар аъзои ғайриқобили меҳнат дар оила;
   - даромади пулию молии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
   - моликияти шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
   - ҳолати манзили истиқоматӣ;
   - қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва заминҳои дигари дар ихтиёри оила қарордошта;
   - шумора ва намудҳои чорвои шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат;
   - дигар индикаторҳое, ки бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ барои муайян намудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат заруранд.

Индикаторҳои муайян намудани сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат вобаста ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ тағйир ёфта метавонанд.

- *Барои кӯдаки маъюбро нафақа намудан ба кадом мақомот муроҷиат намудан лозим мебошад?*



Дар асоси моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” ҳангоми нафақа намудани кӯдаки маъюб бояд ки уро аз азназаргузаронии тиббӣ дар шӯъбаҳои шаҳрии хадамоти давлатии тиббӣ ва иҷтимоӣ (пештар кумитаи коршиносии меҳнати–тиббӣ ё комиссияи машваратии тиббӣ дар поликлиника) гузаронидан лозим аст. Ҳангоми муроҷиат ба шӯъбаи ноҳиявии (шаҳрии) хадамоти давлатии тиббию-иҷтимоӣ нусхаҳои иқтибос аз беморхонае ки кӯдак муолиҷа дошт пешниҳод намудан лозим аст. Дар иқтибоси охирон бояд аз тарафи духтур тавсия дода шавад ки бо сабаби надодани натиҷаи муолиҷа дараҷаи маъюби гирифта шавад. Дар ҳолати набудани шӯъбаи ноҳиявии (шаҳрии)

хадамоти давлатии тиббию-иҷтимоӣ ба шӯъбаи байниноҳияви муроҷиат бояд кард. Баъди баррасии парвандаи тиббии кӯдак шӯъбаи ноҳиявии (шаҳрии) хадамоти давлатии тиббию-иҷтимоӣ дараҷаи маъюбиятро муайян менамояд. Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи маъюбии кӯдак ва ариза ба агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи маҳалли зист барои таъин намудани пешниҳод карда мешавад. То ба балоғат расидани кӯдак (18 солаги) қабулкунандаи нафақа падару модари кӯдак ё шахсони онҳоро ивазкунанда васи ё парастор мебошад. Барои гирифтани маълумоти иловаги оид ба бақайдгирии маюби ё нафақаи маюби лутфан бо бахши ҳифзи иҷтимоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри (ноҳияви) тамос гиред.





## Номгӯи мақомотҳои давлатие, ки барои ҳалли масъалаҳо ба онҳо муроҷиат кардан мумкин аст

| Номи мақомот, ташкилот | Намуди хизматрасонӣ | Реҷаи қабули шаҳрвандон | Телефон | Суроға |
|---|---|---|---|---|
| Шӯъбаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ | Гузаронидани ярмаркаи ҷои кори холӣ, бо кор таъмин-кунӣ, касбомӯзӣ, бақайдгирии шахсони бекор | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 Рӯзи шанбе: 8.0 то 12.00 | 905 00 13 70<br>8 32 50 60 25 15<br>98 503 27 13<br>8 33 22 2 52 12 | ш. Левакант к. С.Айнӣ х 17<br>ш. Кулоб, Х. И.Сомонӣ 3 |
| САҲШ (ЗАГС) | Бақайдгирии давлатии тавал-луд, вафот, ақди никоҳ, бекор кар-дани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, тағйир додани асноди ҳолати шаҳрвандӣ. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 Рӯзи шанбе: 8.0 то 12.00 | 985 03 93 93 832<br>50-60-24-44<br>83322 2 53 03 | ш. Левакант к. Борбад<br>ш. Кулоб, Х. И. Сомонӣ 9 |
| Комиссияи ҳуқуқи кӯда-ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ | Ҳифзи хуқуқи кӯдак, пеш бур-дани корҳои ва-сояту парасторӣ ва фарзандхон-дии кӯдак. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 | 8 32 50-60-18-00<br>987923232<br>83322 24686 | ш. Левакант к. Н Хусрав, 23<br>ш. Кулоб, Х. И.Сомонӣ 36 |
| Хадамоти муҳоҷират | Ба танзим даро-вардани раван-ди муҳоҷирати меҳнатӣ, алоқа бо шаҳрван-дон дар хориҷӣ кишвар, бурдани корҳои иттилоотӣ - фаҳмондадиҳи дар байни аҳолӣ оид ба муҳоҷи-рати меҳнатӣ, назорати будубо-ши шаҳрвандони хориҷӣ. | Рӯзҳои Душанбе, чоршанбе ва ҷумъа, аз соати 8.0 то 17.00 Рӯзи шанбе аз 8.0 то 12.00 | 8 32 50 60 30 20<br>918415091<br>83322 23689 | ш. Левакант к. Н. Хусрав<br>ш. Кулоб м. Аҳмадшоҳ Абдураҳмонов 12 |

| Номи мақомот, ташкилот | Намуди хизматрасонӣ | Реҷаи қабули шаҳрвандон | Телефон | Суроға |
|---|---|---|---|---|
| Шӯъбаи маорифи шаҳр | Кӯдакони синни томактабӣ ва мактабиро ба ҳисоб гирифта, таълиму тарбияи онҳоро то дарёфти таҳсилоти умумии асосӣ зери назорат мегиранд; | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 Рӯзи шанбе: 8.0 то 12.00 | 904 01 99 00 8 32 50 60 24 95 8 32 50 60 20 77 919525425 985073637 83322 22641 | ш. Левакант к. Зебинисо 12 ш. Кулоб, Х. И. Сомонӣ 26 |
| Бахши занон ва кор бо оила мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ | Гузаронидани машваратҳо бо занон, кор бо оилаҳои ҷабрдида, ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои зан ва оила, пеш бурдани корҳо барои пош нахӯрдани оилаҳо. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 Рӯзи шанбе: 8.0 то 12.00 | 985073637 83322 22641 | ш. Кулоб, Х. И.Сомонӣ 36 |
| Бахши ҳифзи иҷтимоии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ | Расонидани кӯмакҳои хайриявӣ ва иҷтимоӣ ба шаҳрвандони ниёзманд, тартиб додани рӯйхати эҳтиёҷмандон, барои дастрас намудани воситаҳои техникӣ ҳаракат, маснуоти протезию ортопедӣ ба шаҳрвандони маъюб ба Агентии ҳифзи иҷтимоӣ пешниҳод ирсол менамояд. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 Рӯзи шанбе: 8.0 то 12.00 | 8 32 50 60 22 06 903552727 83322 24747 | ш. Левакант к. Н. Хусрав хонаи 23 ш. Кулоб, Х. И.Сомонӣ36 |



| Номи мақомот, ташкилот | Намуди хизматрасонӣ | Реҷаи қабули шаҳрвандон | Телефон | Суроға |
|---|---|---|---|---|
| Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ | Расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ, аз он ҷумла тиббӣ, ҳуқуқӣ, педагогӣ ва равонӣ ба шахсони яккаю танҳо, оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта, кӯдакони имконияташон маҳдуд. | Рӯзҳои сешанбе, панҷшанбе аз соати 8.00 то 17.00 | 919 81 99 98 8 32 50 60 13 53 988621460 83322 22881 | ш. Левакант к. С. Айнӣ хонаи 17 ш. Кулоб, м. Аҳмадшоҳ Абдураҳмонов 12 |
| Намояндагии ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон | Таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; мусоидат ба баркарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд; баррасии шикоятҳо оид ба вайронкунии ҳуқуқи инсон. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 | 8 32 22 2 79 32 988626434 83322 22293 | ш. Бохтар к. Б. Ғафуров хонаи 11 ш. Кулоб, Х. И.Сомонӣ 36 |
| Ташкилоти ҷамъиятии «Ғамхорӣ» | Ҷалб намудани аҳолӣ ба беҳбудии зиндагӣ, васеъ намудани донишҳои оиди гендер, ҳуқуқҳои инсонӣ. Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 | 8 32 22 3 06 45 8322-2-78-79 | ш. Бохтар, к. Логинова 16/2 |

| Номи мақомот, ташкилот | Намуди хизматрасонӣ | Речаи қабули шаҳрвандон | Телефон | Суроға |
|---|---|---|---|---|
| Маркази саломатӣ (поликлиника) | Дастрасии кӯмаки тиббию санитарӣ ба аҳолӣ мутобиқи меъёрҳои Кодекси тандурустии ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи тандурустӣ; расонидани кӯмаки таъҷилии тиббӣ; таблиғи тарзи ҳаёти солим ва тарбияи санитарию гигиении аҳолӣ. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 | 90 415 60 08<br>918554675<br>83322 2 08 89 | ш. Левакант<br>ш. Кулоб, м. Борбад 4 |
| Ташкилоти ҷамъиятии «Эҳё ва дастгирӣ» | Расонидани кӯмаки психологӣ, ҳуқуқӣ ва педагогӣ. Кӯмаки иҷтимоӣ ба пиронсолони танҳо, кӯдакони имконияташон маҳдуд. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 | 900 21 21 01<br>93 735 16 88 | ш.Бохтар, к. Дзержинский хонаи 4 |
| Филиали муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони ҶТ» дар ш. Кулоб | Касбомузӣ, бозомузӣ, такмили ихтисос ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатӣ | Аз Душанбе то шанбе: 8.00 то 17.00 | 989136970<br>83322 2 13 59 | ш. Кулоб, м. 1-Май 12 |



| Номи мақомот, ташкилот | Намуди хизматрасонӣ | Речаи қабули шаҳрвандон | Телефон | Суроға |
|---|---|---|---|---|
| ТҶ «Заршедабону" | Марказҳои рузонаи нигоҳубини кӯдакони имконияташон маҳдуд бо маркази сарчашмавии, додани машваратҳои ҳуқуқи ва равонакуни. Кор бо волидайни кудакони имконияташон маҳдуд. | Аз Душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 | 935007147<br>918617147 | ш. Кулоб, к. Хатти роҳ 117 |
| Хадамоти давлатии ташхиси тиббию-иҷтимоӣ | Ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо мақсади муайян намудани эхтиёҷоти шахси ташхисшаванда ба чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла ба таъвонбахшӣ дар асоси арзёбии маҳдудияти фаъолияти ҳаётӣ, ки дар натиҷаи коҳиши устувори вазифаҳои организм ба вуҷуд омадааст, гузаронида мешавад. | Аз душанбе то ҷумъа: 08:00 то 17:00 | | ш. Левакант<br>ш. Кулоб |
| Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | Ташкили таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртави ва давлати, -Нигоҳдории маблағи барои пардохти нафақаҳо пешбинишуда аз ҷумла саҳмҳои суғуртавии нафаҷави, захираҳои нафақави ва даромад аз нигоҳдории онҳо, маблағҳои | Аз душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 | | ш. Леваканд<br>ш. Кулоб |

| **Номи мақомот, ташкилот** | **Намуди хизматрасонӣ** | **Речаи қабули шаҳрвандон** | **Телефон** | **Суроға** |
|---|---|---|---|---|
| | буҷети давлати, ки барои пардохти нафақа ва кӯмакпулиҳо пешбини гардидаанд, - Пешбурди суратҳисобҳои инфиродии шахсони суғурташуда, - Ҳисоб ва муайян намудани андозаи нафақаи суғуртави ва давлатӣ. | | | |
| Маркази будубоши рӯзонаи Парасту ва Меҳрон | Кор бо кӯдак ва модари ӯ | Аз душанбе то ҷумъа: 8.30 то 16.00 | 935007147<br>909707323 | ш. Кулоб, к. Хатти роҳ №117 |
| Маркази хизматрасонии иҷтимои Ҳамадонӣ | Таъмини барқарорсозии кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд ва масъалаҳои рӯзмарра дар муддати 21 рӯз. | Шабонарӯзӣ | | н. Ҳамадонӣ, к. М.Миршакар |
| Машварати психологию тиббӣ-педагогӣ | Муоинаи кӯдакон ва наврасон, ки дар инкишофёбӣ, масъалаҳои таълиму омӯзиш, барқарор намудани ҳуқуқи кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ба дастгирии ислоҳоти иҷтимоию тиббӣ-педагогӣ мушкилот доранд | Аз душанбе то ҷумъа: 8.00 то 17.00 | 919 841921 | ш. Кулоб |